**Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон(ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Раҷабмурод Шодиевич, аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор" (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)**

Рушди устувор бо равнди таъмини самаранокии идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои назаривию методологӣ ва асоснок намудани роҳҳо ва такмили идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор муҳимияти хоса дорад. Омӯзиши идоракунии истифодаи самараноки иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор ва такмилдиҳии механизми идораи он дар шароити ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ, муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар самти такмили механизми рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ва ҳамкориҳои тарафайни истифодаи захираҳои обҳои байнисарҳадӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Аз автореферат бар меояд,ки дар диссертатсия баҳодиҳии самараноки экологиву иқтисодии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар асоси ғояҳои ташаккул додани комплексҳои табиӣ, пешгирӣ кардани равандҳои таназзули замин, барқарорсозии агроэко-системаҳое, ки ба бехатарии экологии кишоварзӣ кафолат медиҳанд, ҳамчунин роҳҳои ба даст овардани ҳосили баланди зироатҳои кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Яке аз бартариҳои асосии кори илмии муаллиф дар он зоҳир мегардад,ки ӯ тавонистааст,ки омилҳои асосӣ(экологӣ,иқтисодӣ ва иҷтимоӣ)-и ба идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсинӣмуайян гардидаро асоснок намуда тавсияҳои мушаххас оиди роҳҳои амалигардонии баландбардории истифодаи самараноки захираҳои обӣ барои рушди устуворро пешниҳод намудааст. Инчунин муаллиф самтҳои асосии идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсиониро ҳамчун раванди муҳими истифодаи оқилонаи захираҳои обию ирригатсионии кишварҳои Осиёи Марказӣ коркард ва пешниҳод гардонидаас.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳои коркардашуда метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии заминҳои

обёришаванда ва такмили идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ мусоидат намоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ,чунонеки аз автореферат бар меояд, дар кор ақидаҳои баҳсталаб ва инчунин норасоиҳо ба назар мерасанд, ки баъзеи онҳоро бояд қайд намуд:

1.Дар автореферат ба қонун ва санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки солҳои охир доир ба масъалаҳои рушди ирригатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд, кам таваҷҷӯҳ зоҳир карда шудааст.

2. Ба андешаи мо хубтару беҳтар мебуд, агар ки дар автореферат сарчашмаи маблағгузориҳо ва аз навсозӣ (реконструксия)-и системаҳои обёрикунонида шуда нишондиҳадаҳо оворда мешуд .

Ҳамин тариқ, чунин меҳисобем, ки (дар асоси шиносои бо автореферат) кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор(дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)" аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ(дотсент,профессор),ки бо қарори Ҳукумати Ҷумшурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст,ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин арзанда мешуморем, ки ба муаллифи он Фозилов Раҷабмурод Шодиевич дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент дода шавад.

**Тақриздиҳанда,**

профессори кафедраи назарияи иқтисод
ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон, д.и.и.,профессор,
академики Академияи байналхалқии
илмҳои мактабҳои олӣ Комилов С.Ч.

Имзои Комилов С.Ч.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Давлатов Х.Х.

ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға:ш.Душанбе,к.М.Турсунзода,30.
Тел:(992)37 221-35-50
Htt: //www.rtsu.tj/ru/